# Саволномаҳо аз фанни забони тоҷикӣ барои ҳамаи ихтисосҳо, омӯзгорони кафедра, нимсолаи 1, рейтинги 2.

**1.Луғатшиносӣ чиро меомӯзад?**
А) Таркиби луғавии забон ва маънои калимаҳоро; В) Тарҷумаи калимаҳоро; С) Сохти ибораҳоро Д) Калимаю ибораҳои иқтибосиро; Е) Калимаҳои соҳавиро.
**2.Асоси калимаро чӣ ташкил медиҳад?**
А) Реша; В) Бандак; С) Пасванд; Д)Пешванд; Е) Пасоянд
**3.Морфология чиро меомӯзад?**
А) Ҳиссаҳои нутқ ва шакли калимаҳоро; В) Ибораҳои фразеологиро ; С) Ҳ иссаҳои нутқ ва замонҳои феълро; Д) Овозҳо, калимаҳо ва сохти калимаҳоро; Е) Ибора ва ҷумларо.
**4.Услуби нутқ чӣ гуна мешавад?**
**А)** Гуфтугӯӣ ва китобӣ; В) Гуфтугӯи ва шифоҳӣ; С) Китобӣ ва хаттӣ; Д) Ривоятӣ ва китобӣ; Е) Кӯчагӣ;
**5.Навъҳои услуби китобӣ кадомҳоянд?**
А) Илмӣ, публитсистӣ, бадеӣ, расмӣ; В) Илмӣ, бадеӣ, расмӣ, хаттӣ; С) Илмӣ, публитсистӣ, бадеӣ, шифоҳӣ; Д) Илмӣ, бадеӣ, маъмулӣ, расмӣ; Е) Ҳуҷҷатнигорӣ, бадеӣ;
**6.Синтаксис чиро меомӯзад?**
А) Сохтани ибора ва ҷумлаҳоро; В) Сохти калимаю ибораҳоро С) Сохти калимаю ҷумлаҳоро; Д) Сохтани ҷумлаҳои соддаро; Е) Ибораҳои фразеологиро
**7.Ду ва зиёда калимаҳои мустақил, ки яке ба дигаре тобеъ шуда, нисбат ба калима маънои мураккабтарро ифода мекунад, чӣ ном доранд?**
А) Калимаи мураккаб; В) Ибора ; С) Калимаи иқтибосӣ; Д) Ҷумлаи сода; Е) Ҷ умлаи мураккаб.
**8.Ибора аз чӣ ташкил меёбад?**
А) Аз калимаи асосӣ ва тобеъ; В) Аз калимаҳои гуногун; С) Аз пешванду пасванд; Д) Аз калимаи асосӣ ва пайвандак; Е)Пешоянду пасоянд.
**9.Дар ибора чанд роҳи алоқаи калимаҳо вуҷуд доранд?**
А)3 роҳ ; В)2 роҳ; С)1 роҳ; Д)4 роҳ; Е)6 роҳ.
**10.Дар алоқаи изофӣ калимаҳои таркиби ибора чӣ гуна алоқаманд мешавад?**
А) Бо бандаки изофӣ; В) Бо аломатҳои китобатӣ; С) Бо пешванду пасванд; Д) Бо пасвандҳо; Е)Бо ҳамсадоҳо;
**11.Дар алоқаи вобастагӣ калимаҳои тобеъ ба худ чӣ мегиранд?**
А) Пешванд ё пасванд; В) Пешванд ё пасвандак; С) Аломатҳои китобатӣ; Д) Калимаҳои мураккаб; Е) Калимаҳои содда.
**12.Ҷумла чӣ гуна фикрро ифода мекунад?**
А) Фикри нотамомро; В) Фикри тамомшударо; С)Фикри гӯянда; Д) Фикри шунаванда; Е) Фикри навро.
**13.Дар гуфтугӯ тамом шудани ҳар як ҷумларо чӣ муқаррар месозад?**
А) Нидо; В) Аломати китобатӣ; С) Оҳанги талаффуз; Д) Мантиқ; Е) Нуқта.
**14.Асоси грамматикии ҷумларо чӣ ташкил медиҳад?**
А) Мубтадо ва пуркунанда; В) Мубтадо ва муайянкунанда; С) Мубтадо ва ҳол; Д) Мубтадо ва хабар; Е) Исму сифат;
**15.Дар охири ҷумлаи ҳикоягӣ чӣ гузошта мешавад?**
А) Ду нуқта; В) Нуқта; С) Нуқта-вергул; Д) Аломати хитоб; Е) Аломати савол.
**16.Дар ташкили ҷумлаҳои саволӣ чӣ нақши муҳимро доро аст?**
А) Оҳанги талаффуз; В) Калимаҳои саволӣ; С) Оҳанги талаффуз ва калимаҳои саволӣ; Д)Аломати савол; Е)Аломати хитоб.
**17.Ҷумлаҳои саволӣ бештар дар куҷо дучор мешавад?**
А)Дар шеър; В) Дар дастон; С)Дар мактубҳо; Д) Дар муколама ; Е) Дар ҳуҷҷатҳо
**18.Ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ ва амрӣ кай ба ҷумлаи хитобӣ табдил меёбад?**
А) Ҳ амеша; В) Ҳангоми сахт талаффуз кардан; С) Ҳ ангоми ба эҳсосот ва хитобу нидо талаффуз шудан; Д) Ҳангоми баланд талаффуз кардан; Е) Дар ҷумлаи саволӣ.
**19.Оҳанги талаффуз чист?**
А) Паст шудани суръати овоз; В) Баланд шудани суръати овоз; С) Тез шудани суръати овоз; Д) Пасту баланд шудани суръати овоз; Е) Аломати китобӣ.

**20.Дар ҷумла ба мубтадо чӣ тааллуқ дорад?**
А) Амал; В) Амал, ҳолат ва аломат; С) Амал ва аломат; Д) Амал ва тарз; Е) Чигунагӣ.
**21.Кадом ҳиссаи нутқ бештар дар ҷумла ба ҷои мубтадо омада метавонад?**
А)Исм; В)Исм ва ҷонишин; С)Исм ва пайвандак; Д)Исм ва сифат; Е)Зарф.
**22.Дигар ҳиссаҳои нутқ кай дар ҷумла ба вазифаи мубтадо омада метавонанд?**
А) Вақте ки нақши сифатро бозад; В) Вақте ки ба исм мегузаранд; С) Вақте ки бо феъл якҷоя оянд; Д) Вақте ки танҳо бошанд; Е) Намеояд.
**23.Барои осон шудани таҳлилӣ грамматикӣ ҳар як аъзои ҷумларо чӣ кор мекунанд?**
А)Ҷудо мекунанд; В)Пайваст мекунанд; С) Ба аломатӣ шартӣ ишорат мекунанд; Д) Баррасӣ мекунанд; Е) Ном мемонанд.
**24.Ба вазифаи хабар дар ҷумла кадом ҳиссаи нутқ серистеъмол аст?**
А) Исм; В) Сифат; С) Феъл; Д) Ҷонишин; Е) Зарф.
**25.Хабарҳои номӣ чӣ гуна ифода меёбанд?**
А) Ба феълҳо; В) Ҳиссаҳои номи нутқ С) Ба ҳиссаҳои ёридиҳанда; Д) Ба исму феъл Е) Бо пайвандакҳо.
**26.Дар ҷумла хабар аз рӯи шахсу шумора ба чӣ мувофиқат мекунад?**
А) Ба мубтадо; В) Ба ҳол; С) Ба муайянкунанда; Д) Ба пуркунанда; Е)Ба ибора.
**27.**Калимаҳои хушзеҳн, солхӯрда, бадхашм кадом ҳиссаи нутқанд?
А) Исм; В)Зарф; С) Шумора; Д) Сифат ; Е) Феъл;
**28. Аз калимаҳои додашуда шумораашро ёбед?**
А) Арра, тилло; В) Мӯъҷиза, шуҳрат; С) Ин, он; Д) Омад, хонд; Е) Сад, ҳазор.
**29**.Ҷонишинҳои **чунин, чунон, ин, он** ба гурӯҳи кадом ҷонишинҳо дохил мешаванд?
А) Шахсӣ; В) Соҳибӣ; С) Таъйинӣ Д) Ишоратӣ; Е)Номуайянӣ.
**30.Кадом навъи сифат аломати хос ва асосии исмро мефаҳмонад?**
А) Сифати сода; В) Сифати мураккаб; С)Сифати аслӣ; Д)Сифати нисбӣ ; Е)Сифати сохта.
**31.Сифати нисбӣ чӣ хел сохта мешавад?**
А) Ба воситаи калимаҳои иловагӣ; В) Ба воситаи пасвандҳо; С) Ба воситаи пешвандҳо; Д) Ба воситаи ибораҳо; Е) Бо ҳиссача.
**32.Сифат дорои чӣ гуна хусусияти ба худ хос аст?**
А) Шахсу шумора дорад; В) Тасриф мешавад; С) Шаклҳои танҳо ва ҷамъ дорад; Д)Дорои дараҷа мебошад; Е)Тасриф намешавад.
**33.Калимаҳои сип- сиёҳ , сап- сафед, напа- нав, капа- калон ва монанди онҳоро ба кадом навъи сифат дохил кардан мумкин аст?**
А) Сифатҳои таъкидӣ; В) Сифати аслӣ; С) Сифати нисбӣ; Д)Сифати сохта; Е) Сифати омехта.
**34.Шумора чӣ гуна ҳиссаи нутқ аст?**
А) Аломати ашёро мефаҳмонад; В) Аломати амалро мефаҳмонад; С)Барои ҳисоб кардани ашё ва ашхос истифода мешавад; Д)Номи ашёро мефаҳмонад; Е)Номи ашёро мефаҳмонад.
**35.Кадом навъи шумора миқдори муайяни ашёро мефаҳмонад?**
А) Шумораи аслӣ; В) Шумораи касрӣ; С)Шумораи тахминӣ; Д) Шумораи тартибӣ; Е) Шумораи номаълум.
**36.Ҷонишин дар ҷумла ба ҷойи чӣ меояд?**
А) Ба ҷойи исм; В)Ба ҷойи сифат; С)Ба ҷойи шумора; Д)Ба ҷойи исм, сифат ва шумора; Е)Ба ҷои зарф.
**37.Ибораҳои ҳеҷ кадом, ҳеҷ кас, ҳеҷ чиз, ҳеҷ гунаро ба кадом навъи ҷонишин дохил кардан мумкин аст?**
А) Ҷонишини шахсӣ; В)Ҷонишини манфӣ; С) Ҷонишини соҳибӣ; Д) Ҷонишини ишоратӣ; Е)Ҷонишини маҳдуд.
**38.Ҳиссаҳои номустақили нутқ чӣ хусусият доранд?**
А) Ба саволи махсус ҷавоб мешавад; В)Аъзои ҷумла ҳастанд; С) Дар алоҳидаги маъноеро ифода намекунад; Д) Маънои махсусро ифода мекунад; Е)Аъзои ҷумла мешавад.
**39.Ба ҳиссаҳои номустақили нутқ чиҳо дохил мешаванд?**
А) Пешоянд, мухотаб, нидо; В) Пасоянд, пешоянд, зарф; С) Пасоянд, ҳиссача, сифати феълӣ; Д) Пешоянду пасоянд, пайвандак, ҳиссача, нидо; Е) Мубтадо ва хабар.
**40.Пайвандакҳо аз рӯи вазифа чӣ хел мешавад?**
А) Пайвасткунанда ва ҷудоӣ; В)Пайвасткунанда ва тобеъ; С)Пайвасткунанда ва тобеъкунанда; Д)Тобеъшаванда ва пайваст; Е)Ҷудоӣ ва хилофӣ.

**41.Пайвандакҳои аммо, вале, лекин, ҳол он ки ба кадом навъи пайвандакҳо дохил мешаванд?**
А) Ҷудоӣ; В) Хилофӣ; С) Пайиҳам; Д) Тобеъкунанда; Е) Ҳиссача.
**42.Калимаҳои бале, оре, ҳа, хуб, хайр ба кадом навъи ҳиссачаҳо дохил мешаванд?**
А) Саволӣ;В) Таъкидӣ; С) Тасдиқӣ; Д) Инкорӣ; Е) Маҳдудӣ.
**43.Нидоҳо бештар дар куҷо истифода мешавад?**
А) Нутқи китобӣ; В)Гуфтугӯ ; С)Мактубҳои расмӣ ; Д) Асарҳои бадеӣ 4 Е) Дар ҳуҷҷат
**44.Калимаи "дареғо" ҳамчун нидо чиро ифода мекунад?**
А)Шодию нишот; В)Афсӯсу шодӣ; С)Ҳайрату афсӯс; Д)Ғаму андӯҳ ва афсӯс; Е)Хурсандӣ.
**45.Овозҳои садонок дар танҳоӣ кадом ҳиссаи нутқ шуда метавонад?**
А)Ҳиссача; В) Нидо; С) Пайвандак ; Д) Пешоянд; Е) Исм.
**46.Калимаҳои ором, ҷим, хомӯш ба кадом навъи нидо дохил мешавад?**
А) Нидои амр; В)Нидои хоҳиш; С)Нидои муроҷиат; Д)Нидои барангезанда;Е)Муколама
**47.Пасвандҳои-ак,-акак,-тоб,-ина чиро ифода мекунад?**
А)Ғаму андӯҳ; В)Бузургию шаҳомат; С)Хурдию навозиш; Д)Далерию чолокӣ; Е)Ҷой ва макон
**48.Асоси пайдоиши феълҳоро чӣ ташкил медиҳад?**
А)Сифати феълӣ; В)Масдар; С)Феъли ҳол; Д)Хабар; Е)Феъл
**49.Феъл дорои чӣ гуна сиғаҳо мебошад?**
А)Амрӣ, хабарӣ, саволӣ; В)Шартӣ, ҳатмӣ, хоҳишӣ ; С)Эҳтимолӣ, муайян, номуайян; Д)Хабарӣ, амрӣ, эҳтимолӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ; Е)Ҳикоягӣ.
**50.Чӣ гуна калимаҳоро муродиф меноманд?**
А) Шаклан монанд; В) Ҳаммаъно; С) Шаклан гуногуну ҳаммаъно; Д)шаклан монанду зидмаъно; Е) Калимаҳои иқтибосиро.
**51.Калимаҳои мутазод чӣ хел калимаҳо мебошанд?**
А)Ҳаммаъно; В) Зидмаъно; С) Ҳамшакл; Д)Гуногуншакл; Е)Калимаҳои русӣ.
**52.Сифат дар ҷумла бештар ба кадом вазифа меояд?**
А)Муайянкунанда; В)Пуркунанда; С)Ҳол; Д)Сифати феълӣ; Е)Зарф.
**53.Сифати феълӣ чӣ гуна сохта мешавад?**
А) Аз асоси феъл ва пешоянд; В) Аз асоси феъл ва пайвандак; С) Аз асоси феъл ва ҳиссача; Д) Аз асоси феъл, масдар ба пасванд; Е) Бо мубтадо.
**54.Калимаҳои омада, рафта, дида, шунида чӣ гуна сифати феълиянд?**
А)Сифати феълии замони оянда; В)Сифати феълии замони ҳозира; С)Сифати феълии замони гузашта; Д)Сифати феълии замони ҳозира-оянда; Е)Замони номуайянӣ.
**55.Шумораи касрӣ чиро мефаҳмонад?**
А)Адади пурраро; В)Адади нопурраро; С)Адади алоҳидаро; Д)Ҳиссае аз адади пурраро; Е)Бутунро.
**56.Шумораи тартибӣ чӣ гуна сохта мешавад?**
А) Бо пасвандҳо; В)Бо пешвандҳо; С) Бо пайвандакҳо; Д)Бо ҳиссачаҳо,Е)Бо исм
**57.Калимаҳои дона, нафар, ҷилд, дар, даста чӣ гуна калимаҳо ба ҳисоб меравад?**
А)Ҳиссача В)Мухотаб С)Нумератив Д)Пайвандакҳо Е)Шумора
**58.Калимаҳои ин, он, ҳамин, ҳамон кадом навъи ҷонишинанд?**
А) Шахсӣ; В) Ишоратӣ; С)Соҳибӣ; Д)Саволӣ; Е)Нафсӣ;
59. **Забон дар ҷамъият кадом вазифаро адо мекунад?**
А) Воситаи мухобираи одамон; В) Ввоситаи донишомӯзӣ; С) Воситаи нигориш; Д)Воситаи эҷоди осори бадеӣ; Е) Воситаи фикррони;
**60. Забони тоҷикӣ ба кадом гурӯҳи забонҳо дохил мешавад?**
А) Эронӣ; В)Ҳиндӣ; С)Туркӣ; Д)Германӣ; Е)Славянӣ;
**61. Калимаҳои ҳамреша дар кадом гурӯҳанд?**
А)Кор, коргоҳ, коргар, корӣ; В) Кондан, навиштан, фаҳмидан; С)Чашм, даст, гиёҳ, борон; Д) Сиёҳӣ, ранг, сафедӣ, бодбон; Е)Хондан, коргоҳ, бодбон.
**62. Қоидаҳои дуруст навиштани калимаро кадом соҳаи забон меомӯзад?**
А) Имло; В) Фонетика; С) Морфология; Д) Фразеология; Е) Синтаксис
**63. Аз мисолҳои зерин антоними калимаи "сард"-ро ёбед:**
А) Гарм; В) Форам; С) Нарм; Д) Хунук; Е) Ширин.
**64. Кадоме аз ин калимаҳо иқтибосианд?**

А) Чашм, наргис, зону; В) Ором, саломатӣ, фурӯғ; С)Қишлоқ, қаровул, муаллим; Д)Рӯз, гурба, асаб; Е)Меъда, хӯрок, хун.

**65. Калимаҳои амсоли боло-поён, дур-наздик, баланд-пастро дар илми забоншиносӣ чӣ мегӯянд?**

А) Муродиф; В) Синоним; С) Антоним; Д)Пароним; Е) Калимаҳои ҷуфт.

**66. Аз мисолҳои зерин гурӯҳи калимаҳои аслан тоҷикиро муайян кунед:**

А) Китоб, дафтар, қалам; В)Хона, об, замин; С) Қишлоқ, қаймоқ, ботлоқ; Д) Чароғ, кӯлоҳ, пол; Е) Бензин, керосин, мошин.

**67. Аз мисолҳои додашуда ибораҳои фразеологиро ёбед:**

А)Дил об хӯрд; В)Кӯза шикаст; С)Доруи талх; Д)Савдои китоб; Е)Махзани асрор.

**68. Калимаҳои китоб, муаллим, мактаб аз кадом забон ба забони тоҷикӣ иқтибос шудаанд?**

А) Туркӣ; В) Русӣ; С)Юнонӣ; Д) Ҳиндӣ; Е) Арабӣ.

**69. Дар ҷумлаи зерин ифодаи як-ду кадом навъи шумора аст?**

**“Агар Худо накарда як-ду рӯз дертар меомадам, чӣ мешуд?”**

А) Аслӣ; В)Тахминӣ; С) Касрӣ; Д) Тартибӣ; Е)Миқдорӣ.

70. Дар ҷумлаи зерин калимаи **“ҷӯянда”** кадом аъзои ҷумла шудааст?

**Ҷӯянда-ёбанда**.

А)Хабар; В)Ҳол**;** С) Мубтадо; Д) Муайянкунанда; Е) Пуркунанда.

**71. Аъзоҳои пайрави ҷумла чандтоанд?**

А) 2-то; В)3-то; С)4-то; Д)5-то; Е)6-то.

**72. Асоси ҷумларо кадом аъзоҳои ҷумла ташкил медиҳанд?**

А)мубтадо; В)хабар; С)мубтадо ва хабар; Д)пуркунанда; Е)ҳол.

**73. Ҷумлае, ки бо ҳиссиёту ҳаяҷони гуногун ифода мешавад, чӣ ном дорад?**

А)Ҷумлаи амрӣ; В)Ҷумлаи хитобӣ; С)Ҷ умлаи ҳикоягӣ; Д)Ҷумлаи саволӣ; Е) Ҷумлаи нопурра.

74. Бандаки хабарии “**аст**”баъди кадом ҳиссаи нутқ ҷудо навишта мешавад?

А)Масдар; В)Ҳиссаҳои номии нутқ ва масдар; С)Ҳиссаҳои номии нутқ; Д)Сифатҳои феълӣ; Е) Исмҳо**.**

75.Аз мисоли зерин навъи ҷумлаи пайравро муайян кунед? **Агар кунӣ ҳаракат, ёбӣ зари баракат (зарб).**

А) Мақсад; В) Сабаб; С)Тарзи амал**;** Д)Шарт; Е) Хилоф.

**76. Масдарро кадом шакли феълӣ мегӯянд?**

А) Замонӣ; В) Тасрифӣ; С) Сохта; Д) Ғайритасрифӣ; Е) Таркибӣ.

**77.** Ифодаҳои **хондан, дидан, суҳбат кардан** мансуби кадом ҳиссаи нутқанд?

А) Исм; В) Феъл; С) Сифат; Д) Сифати феълӣ; Е) Зарф.

**78.** Калимаи **дарё** аз чанд ҳарф ва чанд овоз иборат аст?

А) Чор ҳарф ва чор овоз; В) Чор ҳарф ва шаш овоз; С) Чор ҳарф ва се овоз; Д) Чор ҳарф ва панҷ овоз; Е) Чор овоз ва шаш ҳарф.

79. Калимаҳои **ҳар кӣ**, **ҳар чӣ**, **ҳар қадар**, **ҳар кадом** ба кадом навъи ҷонишин дохил мешаванд?

А) Соҳибӣ; В)Таъйинӣ; С) Манфӣ; Д) Шахсӣ; Е) Саволӣ.

**80. Ному насаб, рӯз, моҳ, соли таваллуд, ному насаби волидайн ва касбу кори эшон дар кадом ҳуҷҷати расмӣ зикр мешавад?**

А)Ариза; В)Шарҳи ҳол; С)Баёнот; Д)Гувоҳнома; Е)Хислатнома.

**81. Калимаҳои сарбаландона, дилпурона ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ дорад?**

А) Исм; В) Сифат; С) Зарф; Д) Феъл; Е) Ҷонишин.

**82. Калимаҳои даҳ-даҳ, сад-сад, ду-ду ба кадом ҳиссаи нутқ мансубанд?**

А)Пайвандак; В)Шумора; С)Нидо; Д)Ҳиссача; Е)Исм.

**83.Он аъзои пайрави ҷумла, ки ашёро аз ягон ҷиҳат муайян мекунад, чӣ ном дорад?**

А) Пуркунанда; В) Муайянкунанда; С) Ҳол; Д) Хабар; Е) Мубтадо.

**84. Кадом ҳиссаи нутқ категорияи номуайянӣ дорад?**

А)Шумора; В)Феъл; С)Исм; Д)Ҷонишин; Е)Зарф.

**85. Кадом ҳиссаи нутқ шакли тасрифӣ ва ғайритасрифӣ дорад?**

А)Феъл В)Исм; С)Ҷонишин; Д)Зарф: Е)Сифат.

**86. Калимаҳои аммо, вале, лекин кадом ҳиссаи нутқанд?**

А)Сифат; В)Зарф; С)Ҷонишин; Д)Пайвандак; Е) Ҳиссача.

**87.Саръзои ҷумлае, ки амал, ҳолат ва ё аломатҳои дар ҷумла ифода ёфта ба он тааллуқ дорад, чӣ ном дорад?**

A)Ҳол; B)Хабар;  C)Мубтадо;  Д)Пуркунанда;  E)Муайянкунанда.
**88.Кадоме аз ҳиссаҳои нутқ  категорияҳои замон, тарз, сиға дорад?**
A) Шумора;  B) Феъл; C) Зарф;  Д) Ҷонишин;  E) Исм.
**89. Кадом ҳиссаи нутқ дараҷаи олӣ мегирад?**
A) Исм;  B) Сифат; C) Феъл;  Д) Нидо;  E) Ҷонишин.
**90. Кадоме аз ин ҳиссаҳои нутқ дар ҷумла ба вазифаи мубтадо меояд?**
A)Сифат; B)Исм;  C)Феъл; Д)Ҷонишин; E)Зарф.
**91.Калимаҳои ҳа, бале, оре ба кадом ҳиссаи нутқ мансубанд?**
A) Пайвандак;  B) Ҳиссача;  C)Нидо;  Д) Шумора;  E)Феъл.
**92. Калимаҳои хондан, дидан, гуфтан чӣ ном доранд?**
A) Бандак;  B)Асос;  C)Нумератив;  Д)Реша;  E)Масдар.
**93. Дар калимаҳои гуфтор, рафтор, дидор ҳиссаи –ор ба кадом қисми калима тааллуқ дорад?**
A)Реша; B)Бандак;  C)Пасванд;  Д)Пешванд;  E)Асос.
**94. Ҳиссаҳои нутқ ба кадом қисмати илми забоншиносӣ  тааллуқ дорад?**
A)Лексикология; B)Фонетика; C)Синтаксис; Д)Услубшиносӣ; E)Морфология.
**95.Он ҳиссаи нутқ, ки ҳаракат ва ё ҳолати ашёро мефаҳмонад?**
A)Шумора;  B)Феъл; C)Исм;  Д)Ҷонишин; E)Сифат.
**96. Дар  калимаҳои падарона, дӯстона ҳиссаи –она ба кадом  қисми калима тааллуқ  дорад?**
A)Асос; B)Реша;  C)Бандак; Д)Пешванд; E)Пасванд.
**97.Калимаҳои намнок, ҳикматнок, саводнок ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доранд?**
A)Ҷонишин;  B)Зарф;  C)Сифат;  Д)Шумора;  E)Феъл.
**98. Алифбо чист?**
A)Хондани ҳарфҳо; B)Навиштани ҳарфҳо;  C) Ба тартиби муайян хондан ва навиштани ҳарфҳо; Д)Ҷобаҷогузории ҳарфҳо;  E)Талаффузи овозҳо.
**99. Кадом исмҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд?**
A)Моддӣ;  B)Хос; C)Маънӣ;  Д)Танҳо ва ҷамъ;  E)Ҷондор ва беҷон.
**100. Сифат чиро мефаҳмонад?**
A)Номи ашё; B)Адади ашё;  C)Ҳаракати ашё; Д)Ҳ олати ашё; E)Аломат ва хусусияти ашё.